КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз 2 "декабри соли 2019 № 266/б ш. Душанбе

Оид ба баробарарзишӣ

Мутобиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва банди 4 Дастури Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/1),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ (ИДД №001631 протокол № 6д-1/17 аз 25.06.2019), ки ба Барфиев Қобилҷон Хушвахтович дар Ҷумҳурии Қирғизистон дода шудааст (тибқи замима), эътироф карда шуда, ба дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12-Баҳисобгирии муҳосибӣ, омор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарарзиш дониста шавад.
2. Ба Барфиев Қобилҷон Хушвахтович дипломи баробарарзишӣ (нострификатсия) дода шавад.
3. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Комилиён Ф. С. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ аз 17 октябри соли 2019 ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2019, протоколи №10.

Раис А.Розиқзода